**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 01.04.2023, №7**

Дар бораи сазовор донистани Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, таҳти №90/шд) аз 07-уми январи соли 2023, суратмаҷлиси № 40 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна 19-уми августи соли 1989 дар н. Восеъ дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2007 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 22-и ноҳияи мазкурро хатм намудааст.

Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна соли 2007 ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси филологияи забони англисӣ, бо дипломи аъло хатм намудааст.

Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна аз соли 2011 то соли 2015 ба ҳайси муаллимаи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии №22-и н.Восеъ ва аз соли 2016 то ин ҷониб ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон фаъолият мебарад.

Номбурда ба ҳайси унвонҷӯ соли 2019 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул ва мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ таҳти роҳбарии номзади илмҳои филология дотсент Туйғунов Носир Ҳақбердиевич тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Туйғунов Носир Ҳақбердиевич дотсенти кафедраи забони англисии Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**Мухторов Зайниддин Мухторович** – Ректори филиали донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент,, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисави донишгоҳи мазкур, номзади илми филологӣ Б.Р. Муродов ва устодони кафедраи мазкур –котиби илмии ҷаласа М.Б. Саидов бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна кори бaанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**:

**[1- М]. Саидова** М.А. Ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунаннақлшуда дар забони англисӣ ва ифодаи онҳо ба забони тоҷикӣ [Матн] / М.А Саидова //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №1. – С. 42-45. ISSN-2413-516Х.

**[2-М]. Саидова** М.А. Хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунаннақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А Саидова // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №4. – С. 22-26 . ISSN-2413-516X.

**[3-М]. Саидова М.А.** Омилҳои ба вуҷуд омадани муродифоти калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2019. №4. – С. 49-53 . ISSN-2413-516X.

**[4-М]. Саидова М.А.** Паҳлуҳои муҳими мувофиқати маъногӣ ва умумияти ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / М.А. Саидова // Паёми Донишгохи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2021. №2, (91). – С. 88-92. ISSN-2413-516X.

**[5-М]. Саидова М.А.** Хусусиятҳои хоси нутқи мазмунан нақлшуда дар асоси матни асари бадеӣ “Ёдоштҳо”-и устод Айнӣ [Матн] / М.А. Саидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2022. №2, (91). – С. 88-92. ISSN-2413-516X.

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[6-М]. Саидова М.А.** Тафовути ифодаи ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда [Матн] / М.А. Саидова // Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ДДМИТ бахшида ба рушди деҳот, саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. - Душанбе, 2020. С. 247-256.

**[7-М]. Саидова М.А.** Нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи хусусиятҳои сохторӣ [Матн] / М.А. Саидова // Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати професорон ва устодони ДДМИТ.- Душанбе, 2020. С. 202-207.

**[8-М]. Саидова М.А.** Дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн]/ М.А. Саидова // Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати професорон ва устодони ДДМИТ.- Душанбе, 2022. С. 94-100.

**[9-М]. Саидова М.А.** Тағироти сохториву маъноии нутқи мазмунан нақлшуда дар таркиби матни асарҳои бадеӣ [Матн] / М.А. Саидова // Забон ва адабиёти рус дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, (Душанбе, 12-уми марти соли 2021).- Душанбе: ДМТ, 2021. - С. 332-335.

**[10-М]. Саидова М.А.** Қоидаҳои мутобиқати замонҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар таркиби матни асарҳои бадеӣ [Матн] / М.А. Саидова// Масъалаҳои муосири забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, Душанбе: Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 2022. - С. 290-293.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

1. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Раҳимов Маҳмадназар Сафарович** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Дар диссертатсия мисолҳо барои тақвияти андешаҳо камтар ба назар мерасанд, қоидаи мутобиқатии замонҳои англисӣ фарқкунанда аст ва хуб мешуд, агар дар ин самт тавассути намунаҳо андешаҳои муҳаққиқ дақиқтар карда мешуданд.

Б) Ғалатҳои имлоӣ низ аҳёнан ба назар мерасанд.

2. Тақризи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ, факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Кармышева Бунавша Назруллоевна** мусбат буда, ба автореферат як эрод гирифтааст:

А) Ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд ва ғ.

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон **Худойбердиева Ҷамила Чоршанбиевна** мусбат буда, ба автореферати диссертатсия як эрод гирифтааст:

А) Ғалатҳои имлоӣ низ аҳёнан ба назар мерасанд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Носиров Сабур Музаффарович** низ мусбат аст ва ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Хуб мешуд, агар нутқи мазмунан нақлшуда дар доираи якчанд асарҳои бадеӣ таҳқиқ мегардид, зеро ин амал боиси васеътар омӯхтани мавзуъ ва ба даст овардани маводи иловагӣ мегардид. Ин амал ба раванди таҳқиқот низ мусоидат карда, корро дар ин самт осонтар менамуд.

Б) Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи

пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки диссертатсияи Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна ба таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи матни асарҳои бадеӣ ва тарҷумаи бевоситаи онҳо бахшида шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст, дар ин замина монандӣ ва тафовути нутқи мазмунан нақлшуда забонҳои тоҷикӣ ва англисиро муқаррар намудааст.

Дар диссертатсия бори нахуст нутқи мазмунан нақлшуда ва хусусиятҳои сохторӣ-семантикии он, воситаҳои ифодаи онҳо дар забонҳои гуногун, ки яке аз мавзуъҳои мураккабро ташкил медиҳад, мавриди таҳқиқи махсус қарор гирифтааст.

Вазифаҳои таҳқиқот дар боб ва фаслҳои рисола комилан тадбиқ гардидаанд, ки мувофиқатии вазифаҳо ва хулосаҳо аз ин дарак медиҳанд. Дар диссертатсия умумиятҳо ошкор гардида, сатҳ ё дараҷаи омӯзиши нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зоҳир гаштаанд, назарияҳои гуногун оид ба ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян ва таҳқиқ гардиданд. Дар навбати худ, аломатҳои фарқкунанда дар хусусиятҳои сохтории нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда, муайян шуда, монандӣ ва тафовутҳои сохторӣ-семантикии ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда дар заминаи бархе аз асарҳои бадеӣ, ки бевосита аз забони тоҷикӣ ба англисӣ ва ё баръакс тарҷума шудаанд, ошкор гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он метавонанд дар оянда барои ҳалли масъалаҳои назариявии грамматикаи муқоисавӣ дар умум ҳиссагузор бошанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои таҳқиқотҳоиояндаи забонҳои гуногунсохт низ истифода намуд. Илова бар ин, дар самти тарҷумаи бадеӣ, ки қоидаву қонунияти хоси худро дорад, низ дастовардҳои тадқиқот аз аҳамият холӣ нест, зеро сохтори фарқкунандаи нутқи мазмунан нақлшуда ба тарҷумаи дуруст ва амиқ низ алоқамандӣ дорад, аз ин рӯ, натиҷаҳо ҳам дар бахши грамматикаи муқоисавӣ ва ҳам тарҷумаи бадеӣ дар оянда метавонанд ба сифати сарчашмаи мушаххаси илмӣ хизмат намоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** Ба сифати асосҳои назариявӣ дар диссертатсияи мазкур таҳқиқот ва корҳои методологии масъалаҳои номбурда дар пажуҳишҳои забоншиносони барҷаста ба монанди Б. Ниёзмуҳаммадов, Р. Ғаффоров, Ш. Ниёзӣ, Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Б.

Камолиддинов, Б. Сиёев, П. Ҷамшедов, Д. Хоҷаев, М. Норматов, Х. Ҳусейнов, Д. Хоҷаев, С. Атобуллоев, Қ.Қаландаров, Д. Искандарова, З.Мухторов, С. Ҷоматов, Н.Туйғунов, А.Мамадназаров ва аз зумраи забоншиносони хориҷӣ: М.А. Ганшина H. Sweet, R.L. Allen , Onions S., P. Strawson, A.S. West, О. Есперсен, З.П.Гаркунов, Н.К.Рязанов, М.В.Смолин, К.В.Давидова, К.А.Долинин, С.В. Кузнетсов, Н. М. Василевский, Б.А. Илиш,. В. Л. Каушанский, Е. М. Гордон, И. П. Крилов, И. Б. Хлебников, М.В. Янкошвили, З.П. Гаркунов, Л.Л. Немков, В.А. Овсянников, Э. Н. Калинин, И. П. Верховский, Е. А. Зверев, К. В. Сизов, В. Ш. Богоутдинова, Й. Дарканбаева, Г. В. Мирошниченко, И. П. Дятлова, Е. А. Конюс, Е. А. Рейман, А.В. Бондарко истифода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар тавсеаи андешаҳои муҳаққиқони барҷастаи соҳаи забоншиносӣ ва осори илмӣ-таҳқиқотиашон мавзуи мазкурро амиқан таҳлилу баррасӣ намудааст. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳангоми ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда хусусиятҳои хоси ҳар яке аз забонҳо дида мешавад. ки ин ва дигар нуктаҳо, дар умум, ба сифати **нуктаҳои асосии ҳимояшаванда пешниҳод** гардидаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амал чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия ҳамчун маводи илмӣ барои иншои корҳои илмӣ дар бахшҳои мухталифи забоншиносӣ ёрмандӣ менамояд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мусоидат намоянд. Дар баробари ин, барои ҳалли мушкилоти тарҷумаи бевосита, ки дар аксар маврид сабаби нодуруст ифода гардидани фикр мешаванд, мусоидат менамоянд. Инчунин, маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълиму тадриси ихтисосҳои филологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус метавонад ҳамчун дастури таълимӣ мавриди истифода қарор гирад. Нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ дорои хусусияти хос мебошад. Ин амал барои ба миён омадани мутобиқатии замонҳо, ки дар забони англисӣ хусусияти гуногун дорад, замина мегузорад. Албатта, тарҷума аз маҳорати тарҷумонҳо низ алоқамандӣ дорад, аммо то дараҷаи муайян донистани қоидаҳои хоси забонҳои дигар, ки тафовуткунанда мебошанд, зарур аст. Аз ин рӯ, маводи амалии таҳқиқот барои беҳтар ва амиқтар шудани кор дар ин самт мусоидат карда метавонад.

**Ғояи** кори диссертатсионӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар заминаи роҳандозӣ ва тавсеаи афкору осори илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла, И. П. Иванов, И. Б. Хлебников, М.В. Янкошвили ва

инчунин рисолаҳои номзадии З.П. Гаркунов, Л.Л. Немков, В.А. Овсянников, Э. Н. Калинин, И. П. Верховский, В. Н. Ганкина, Е. А. Зверев, К. В. Сизов, В. Ш. Богоутдинова, Н.И. Мелешкова Ниёзмуҳаммадов, Р. Ғаффоров, Ш. Ниёзӣ, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Б. Сиёев, Б.Камолиддинов, П. Ҷамшедов, Д. Хоҷаев, М. Норматов, Х. Ҳусейнов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриеёв, Қ.Қаландаров, Н.Туйғунов, А.Мамадназаров **асоснок карда шудааст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавзуи нутқи мазмунан нақлшуда ва муқоисаи сохтории он дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асарҳои бадеӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар ин самт муҳаққиқ ба андозае муваффақ шуда, тафовут ва умумиятҳоро муайян ва ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар маърузаҳо ва суханрониҳои конференсияҳои сатҳи донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ қироатшуда ва мақолаҳои таълифнамудае, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои мухталифи илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертант муаллифи 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 01-уми апрели соли 2023, №7 дар бораи ба Саидова Мавзуна Абдулҳакимовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 10 нафар овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна

01-уми апрели соли 2023